**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Мирзоев Сухроб Сулаймонович дар мавзуи «Афкори ахлоқии Абурайҳони Берунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.05 – илми ахлоқ**

Ҷомеаи инсонӣ дар замони пуртаззоду пурташануҷи даврони постмодернизм ва раванди ҷаҳонишавӣ якмаром пеш рафта истодааст. Маврид ба зикр аст, ки олимони соҳаҳои мухталиф кайҳо боз собит намудаанд, ки ҳамон миллате ва ё давлате дар ин корзор бурд менамояд, ки шуури ҷамъиятиаш аз умқи таърихии гузаштагонаш об нушида, майл ба илмҳои табиию риёзӣ дошта, дар ҳама давру замон дар доираи ахлоқ ба инноватсияҳои илмии мусбӣ моил аст. Боиси ифтихор аст, ки яке аз фарзандони баруманди миллати тоҷик маҳз Абурайҳони Берунӣ ба ҳисоб меравад ва моро мебояд, ки дар симои ин фарзонафарзанди миллатамон барои насли наврас идеали ахлоқӣ, илмиву фарҳангиро офарем.

Аҳамияти таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки диссертант афкори ахлоқии Абурайҳони Беруниро аз диди нав бо забони илмии фасеҳу усулҳои муосир пешкаши омма намудааст.

Мавзуи интихобнамудаи Мирзоев С.С.-ро яке аз масъалаҳои мубрам ҳисобидан мумкин аст, зеро дар даврони ҷаҳонишавӣ ва рушди зеҳни сунъӣ донистани андешаҳои ахлоқии ниёгон барои ҳар як фарди баору номуси миллати тоҷик чун боду ҳаво зарур аст.

Аз ҷониби муаллифи автореферат, **дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, дараҷаи коркарди илмии муаммо тавсиф ёфтааст, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии он муайян шудаанд; ҳадаф, вазифаҳои таҳқиқот ифода ёфта, навоварии илмии натиҷаҳои таҳқиқот инъикос гардидаанд; аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот нишон дода шудаанд; дараҷаи эътимоднокӣ, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳо, интишорот ва сохтори диссертатсия қайд гардидааст.

Боби якум **«Шароитҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои назариявии ташаккули ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ» -** аз ду зербоб иборат мебошад.

Муаллифи диссертатсия ба таҳлил ва омӯзиши шароитҳои иҷтимоию сиёсии даврони Абурайҳони Берунӣ, ҳаёт ва мероси ӯ машғул шуда, қайд менамояд, ки ин марҳилаи таърихиро метавон давраи умумии ҷамъшавии дастовардҳои фарҳангӣ,

сиёсӣ, ахлоқӣ ва динӣ номид, ки башарият, сарфи назар аз фарқиятҳои амиқи минтақавӣ ва нобаробарии рушд, онро ҳамчун ҳаракати ягонаи пешсаф таҷриба кардааст.

Диссертант натиҷаҳои омӯзиши давраи ҳаёти Абурайҳони Беруниро ҷамъбаст карда, қайд менамояд, ки дар он давра бисёр олимони барҷаста кору зиндагӣ карда, соҳаҳои гуногуни илмро инкишоф дода, тадқиқотҳои бунёдиро ба ҷо меоваранд, ки чун таҳкурсии асосии пайдоиши асарҳои барҷаста дар соҳаҳои гуногуни илмҳо хизмат кардаанд.

Боби дуюм **«Афкори ахлоқии Абурайҳони Берунӣ »** - унвон дошта, аз ду зербоб иборат аст.

Аз ҷониби муаллифи рисола ишора гардидааст, ки Абурайҳони Берунӣ бахшида ба тамоми соҳаҳои илм, аз ҷумла риёзиёт, ситорашиносӣ, ҷуғрофия, фалсафаи табиӣ, маъданшиносӣ, фармакология, таърих, этнография, хронология, филология ва ғайра 143 рисола иншо кардааст. Берунӣ, инчунин дар тадқиқи геологию ҷуғрофии шаклҳои мушаххаси кӯҳҳо, биёбонҳо ва дарёҳо муваффақиятҳои калонро ба даст овардааст.

Ба андешаи диссертант инсондӯстӣ асоси афкори фалсафию ахлоқии Абурайҳони Беруниро ташкил медиҳад. Абурайҳони Берунӣ ҳамчун инсонпарвари ҳақиқӣ ҳамеша дар бораи камбағалон ғамхорӣ мекард, барои ӯ ҳеҷ тафовут дар ранги пӯст, марзу буми миллӣ, қабилавӣ, динӣ ва нажодӣ вуҷуд надошт. Берунӣ инсонро ба парвариши хислатҳои баланди ахлоқӣ ташвиқ намуда, боварӣ дорад, ки бо илм, паҳн намудани дониш дар ҷомеа ва бо меҳнат аз ҷаҳолат ва бенавоӣ халос шудан мумкин аст.

Боби сеюм **«Нақши ақидаҳои фалсафӣ–ахлоқии Абурайҳони Берунӣ дар ташаккули ҷаҳони маънавии наврасону ҷавонон»-** номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст.

Муаллифи диссертатсия қайд кардааст, ки ба андешаи Абурайҳони Берунӣ, инсон дар рафтори худ ба покии комил ва тартиботи нек дар он сурат ноил мегардад, ки агар иродаи устувор дошта бошад, ки бо ёрии он рафтор ва нафси худро идора карда метавонад. Дар андешаҳои ахлоқии берунӣ ахлоқи нек бо рафтори нопок баръало муқобил гузошта мешаванд. Дар ахлоқи нек адолат ҳукмрон аст ва дар ахлоқи нопок беадолатӣ ҳукмфармост.

Ба андешаи диссертант, Берунӣ бо далелу эътиқодаш мехост, ки иллату бемориҳои инсонро дармон кунад ва бо кумаки тарбияи ахлоқии худ вай сидқан кушиши беҳбудии хислат ва ахлоқи инсониро намуд. Ба назарияи ахлоқии берунӣ аз нуқтаи назари воқеияти муосир баҳои якхела додан ғайриимкон аст. Вай аз як тараф қувваи тавонои танқидии иҷтимоӣ дошта бошад, аз тарафи дигар, таҳлили ғояҳои ахлоқии он моро ба зинаҳои баланди маданияти ахлоқӣ водор мекунанд.

Ҳамин тавр, дар таҳқиқи масъалаҳои асосии илми ахлоқ, Абурайҳони Берунӣ берун аз чаҳорчӯбаи мазҳаби расмии ислом андешаронӣ намуда, талош кардааст як навъи «ахлоқи хирадгароёна» - ро таҳия намояд, ки ба воқеияти амалӣ ва зиндагии рӯзмарраи инсон асос ёфтааст. Пандҳои ахлоқии Абурайҳони Берунӣ то ҳол аҳамияти худро гум накардаанд. Таълимоти ӯ метавонад ҳамчун воситаи муассири тарбияи насли нав ва тамоми ҷомеа истифода гардад.

Гуфтан ба маврид аст, ки диссертант Мирзоев С.С. бобҳоро дар алоҳидагӣ, мухтасаран оварда, дар охир бо овардани нуқтаи назари худ онҳоро ҷамъбаст намудааст.

Боис ба зикр аст, ки мундариҷаи асосии диссертатсия дар 5-мақолаи илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин якчанд мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои маводҳои конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ чоп шудаанд, инъикос гардидааст.

Новобаста аз гуфтаҳои боло барои тадқиқоти мукамали мавзуъ диссертантро мебоист ба асарҳо ва мақолаҳои муҳаққиқони ватанӣ таваҷҷуҳи зиёдтар менамуд. Масалан, андешаи диссертант доир ба асари «Ҷаҳонбинии илмӣ дар таълимоти Абурайҳони Берунӣ» (бо забони тоҷикӣ), ва «Эпистемология А. Беруни» (бо забони русӣ) - и Сунатулло Ҷонбобоев, дида намешавад.

Дар асоси стандартҳо ва талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон автореферати мазкур таълиф шуда ҳисобида шуда, таҳқиқоте, ки аз тарафи Мирзоев Суҳроб Сулаймонович рӯи кор омадааст, ки аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ зарурӣ арзёбӣ гардида, баҳри рушд ва нумӯи илми фалсафаи муосир саҳми босазое хоҳад гузошт.

Қайд кардан ба маврид аст, ки автореферати диссертатсияи Мирзоев С.С. таҳти унвони «**Афкори ахлоқии Абурайҳони Берунӣ**» таҳқиқоти ба анҷомрасонида ба ҳисоб рафта, ҷавобгӯй ба талаботҳои Комиссияи олии

Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.05 – илми ахлоқ, арзанда ҳисобида мешавад.

Муқарриз:
Номзади илмҳои фалсафа,
дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ Саидумаров С.С.
E-mail: svd-2010 @mail.ru
Тел. +992935012444

Имзои Саидумаров С.С.–ро тасдиқ менамоям.
Сардори ШК ва КМ-и
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.
23.01.2026
Нишона: 734042 Ҷумҳурии
Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи академик Раҷабовҳо, 10,
E-mail: info@ttu.tj. Тел: (992) (37)221-35-11